«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи
Рӯдакӣ, д.и.х., профессор
__________ Раҳмон Д.С.
«__» ______ соли 2022

# ТАҚРИЗИ

муассисаи тақриздиҳанда ба диссертатсияи Холов Тоҷиддин Азизуллоевич дар мавзуи «Нақши сармоягузорӣ дар рушди кишоварзии обёришавандаи минтақа (дар мисоли вилояти Хатлон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ

**Муҳиммитяи мавзуи диссертатсия.** Амалигардонии стратегияи рушди устувори сектори агарарии кишвар, ҷорӣ намудани комлекси тадбирҳои мелиоративӣ ва таҷдиду таъмири системаи обёрикунонии заминҳо, баландбардории самаранокии захираҳои заминҳои кишоварзиро бидуни сармоягузорӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Дар ин радиф, мавриди зикр аст, ки яке аз самтҳои асосии рушди соҳаи кишоварзии кишвар ин рушди сармоягузориҳо дар сектори аграрӣ хусусан дар самти заминҳои обӣ ба ҳисоб меравад. Аз ҷумла, нақши сармоягузориҳо дар рушди устувори муносибатҳои заминдорӣ ва заминистифодабарӣ мавриди зикр аст. Маълум аст, ки мақсади ҳама гуна фаъолияти сармоягузорӣ ин ба даст овардани ягон намуди самара (фоида ё самараи иҷтимоӣ-экологӣ) мебошад. Шарти дигар ин аст, ки самара аз ин сармоягузориҳо бояд миёна бошаду бо хароҷоти минималӣ ба даст оварда шавад, зеро ин тақозои иқтисоди бозорӣ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, фаъолияти сармоягузорӣ, дар доираи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва дар ҳам мавриди қабули қарорҳои мустақим оид ба онҳо на танҳо дар дараҷаи корхонаву ташкилотҳо, ташкилоту фондҳои сармоягузорӣ, балки дар сатҳи давлат ва сохторҳои ҳудудии идоракунии он мавриди таҳлилу омӯзишҳои ҳамаҷониба қарор дода мешаванд.

Яъне, фаъолияти сармоягузорӣ дар ҳама дараҷаҳои номбурда бояд чунон коркард ва амалӣ гардонида шавад, ки натиҷаҳои онҳо ба сиёсати сармоягузории давлат мувофиқат намуда, ҳамзамон, самаранокии нақшаҳои стратегии давлатро дар бахши сармоягузорӣ таъмин карда тавонад.

Тайи солҳои охир торафт зиёдшавии қарздории истифодабарандагони об, ҷудо гардидани маблағи нокифоя аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ, кам шудани сарчашмаҳои сармоягузорӣ, самаранок истифода набурдани заминҳои обёришаванда боиси коҳиши рушди соҳа гардида истодааст.

Ҳамин тариқ, натиҷаи корҳои кишоварзӣ зарурати ташаккул додани фазои мусоиди сармоягузориро дар бахши аграрӣ таъкид месозад. Барои таъмини рақобатпазирии маҳсулоти соҳаи мазкур ақаллан дар бозори дохилӣ, афзоиш додани майдони кишоварзии обёришаванда, ташаккули

механизми иқтисодии ба сохти бозор мувофиқи фаъолнокии сармоягузорӣ зарур аст, ки дар маҷмуъ, зарурати амиқтар кардани таҳқиқотро дар ин самт ба миён меорад.

Маҳз ҳамин масъалаҳо муҳиммияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии интихобкардаи диссертантро ташкил медиҳанд.

Интихоби мавзӯъ ба сифати проблемаи илмии иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ аз ҷониби муҳақиқ Холов Тоҷиддин Азизуллоевич дуруст сурат гирифтааст ва ҳалли масъала дар кушодани баъзе гиреҳҳо ва мушкилоти иқтисодиёти аграрӣ мусоидат менамояд.

**Дараҷаи асоснокӣ ва муътамад будани хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд.** Аз рисолаи илмӣ бармеояд, ки ҳадафи таҳқиқот аз омӯзиш ва таҳқиқоти ҷанбаҳои назариявии сармоягузорӣ ва нақши он дар рушди соҳаи кишоварзии обёришаванда, муайян намудани самтҳои афзалиятнок, таҳияи тавсияю пешниҳодҳо оид ба такмили идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзии обёришавандаи минтақа иборат аст. Унвонҷӯ расидан ба ҳадафро дар иҷрои **вазифаҳои таҳқиқотро** медонад, ки ҳалли онҳо ба тавлиди навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ мусоидат намудаанд. Маҳз вобаста аз ҳамин мавзуъ, муҳиммияти он, объекти таҳқиқот, масъалаҳо ва усулҳои таҳқиқот дар диссертатсия муайян карда шудаанд. Дар кори диссертатсионӣ **объекти таҳқиқот** шаклҳои гуногуни хоҷагидории кишоварзӣ, инчунин, ҳолати сармоягузорӣ ба заминҳои обёришавандаи вилояти Хатлон ташкил медиҳад. **Мавзуи таҳқиқот** равандҳои иқтисоди сармоягузориро ба кишоварзии обёришавандаи минтақа тавсиф менамояд.

Ҳангоми таҳқиқот муаллиф аз методҳои диалектикӣ, таҳлилӣ, графикӣ, гурӯҳбандии оморӣ, усулҳои иқтисодию риёзӣ, монографӣ, абстрактию мантиқӣ, ҳисобию конструктивӣ, таҳлилӣ-муқоисавӣ ва таҷрибавӣ истифода бурдааст.

**Саҳеҳӣ ва дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мувофиқат менамояд, аз ҷумла: 1.6. Лоиҳаҳои инвеститсионии минтақавӣ: мақсад, объект, захираҳо ва самаранокӣ; 1.24. Тараққиёти комплекси агросаноатӣ дар минтақаҳо, хусусиятҳои минтақавӣ ва маконии инкишофи хоҷагии қишлоқ; 1.25. Таъминоти инвеститсионии минтақаҳо. Танзими инвеститсияҳо дар минтақаҳо.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот чунин арзёбӣ гардидаанд:**

- дар доираи омӯзиши таҳқиқоти назарияи олимони хориҷӣ ва ватанӣ оид ба сармоягузорӣ ба кишоварзии обёришаванда таърифи нав, ба шакли зайл «сармоягузорӣ ба кишоварзии обёришаванда бо мақсади беҳтар намудани инфрасохтори обёрии заминҳои кишоварзӣ, ба гардиши кишоварзӣ даровардани заминҳои бекорхобида, баланд бардоштан ҳосилнокии замин, муҳайё намудани ҷойҳои нави корӣ, афзоиши маҷмуи

маҳсулоти кишоварзии минтақавӣ ва дар натиҷа ба даст овардани фоида мебошад», пешниҳод карда шудааст;

- дар натиҷаи таҳқиқи таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ оид ба идоракунии сармоягузорӣ дар рушди кишоварзии обёришавандаи минтақа, амалӣ намудани таҷрибаҳои Федератсияи Россия, Ӯзбекистон ва Қирғизистон дар шароити камчинии сарчашмаҳои маблағгузорӣ барои рушди кишоварзии обёришаванда дар вилояти Хатлон тавсия карда шудааст;

- дар асоси таҳлили вазъияти имрӯза ва сарчашмаи асосии сармоягузорӣ оид ба беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳои обёришаванда камбудӣ ва мушкилоти ҷойдошта, аз ҷумла норасоии захираҳои сармоягузорӣ, аз меъёр зиёд будани қарздории истифодабарандагони об дар вилояти Хатлон ошкор гардидааст;

- бо истифода аз усули арзиши ҷории соф лоиҳаҳои сармоягузории вилояти Хатлон арзёбӣ гардида, нишондиҳандаҳои самаранокии иқтисодии барқароркунӣ дар доираи лоиҳаи «Беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо дар ноҳияҳои Абдураҳмони Ҷомӣ ва Ҷалолиддини Балхӣ муайян карда шуд.

- самтҳои афзалиятноки сармоягузорӣ дар рушди кишоварзии обёришавандаи минтақа муайян, модели регрессионӣ барои заминҳои обёришаванда аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ ва ҳаққи хизматрасонии обрасонӣ таҳия, нишондиҳандаҳои асосии рушди иқтисодии вилояти Хатлон то соли 2030 пешгӯӣ карда шуд;

- роҳҳои такмили идоракунии сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзии обёришавандаи вилояти Хатлон тавассути самтҳои асосии ҷалби сармоягузорӣ, роҳҳои татбиқи сармоягузорӣ, механизми идоракунии сармоягузорӣ дар заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ пешниҳод карда шуд.

**Нуктаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия** аз асосноккунии илмии назарияи муосири сармоягузорӣ ба кишоварзии обёришаванда дар таърифи нав, тавсияҳо барои амалӣ намудани таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ оид ба сармоягузорӣ ба рушди кишоварзии обёришавандаи минтақаҳои Тоҷикистон, муайян намудани вазъияти имрӯза ва сарчашмаи асосии сармоягузорӣ барои беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳои обёришаванда, арзёбии самаранокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар кишоварзии обёришавандаи минтақа, муайян намудани самтҳои афзалиятноки сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзии обёришаванда, пешниҳоди роҳҳои такмили идоракунии сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзии обёришавандаи минтақа, иборат мебошад.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Муҳтавои асосии назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шакли маърӯза ва мақолаҳо дар конференсияҳову семинарҳои илмӣ ва илмию амалии аҳамияти байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ дошта пешниҳод ва баррасӣ шудаанд. Асосҳои назариявӣ ва усулии таҳқиқотро ҳамчун тавсияҳои

методӣ ҳангоми хондани курсҳои «Сармоягузорӣ», «Менеҷменти молиявӣ», «Баҳодиҳии лоиҳаҳои сармоягузорӣ», ҳамчунин, ҳангоми хондани маърузаҳо дар курси махсус оид ба назарияи сармоягузорӣ дар рушди кишоварзии обёришаванда дар ихтисосҳои иқтисодии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав истифода бурдан мумкин аст.

**Аҳамияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Аҳамияти амалии таҳқиқот коркардҳо, тавсияҳо ва пешниҳодҳои муаллиф оид ҷалби сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзии обёришавандаро дар бар гирифтааст. Ҳангоми баррасии мавзуъ муаллиф ба равияҳои консептуалӣ, ки дар монографияҳои илмӣ, маводи конференсияҳои илмӣ-амалӣ, ҳисоботи илмии марказҳои намоёни илмӣ баён гардидаанд, инчунин, ба қонунҳо, стратегияву барномаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон такя намудааст.

Тавсияву хулосаҳои таҳқиқот ҳангоми таҳияи супоришҳои ҳисоби хоҷагӣ, тартибдиҳии бизнес-нақшаҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ, иҷоравӣ ва нақшаҳои истеҳсолию молиявии корхонаҳои кишоварзӣ дар истифода қарор доранд. Қисматҳои алоҳидаи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар Пажӯҳишгоҳи иқтисодиёти кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон ва Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми таҳияи барномаҳои давлатии рушди устувори истеҳсолоти кишоварзӣ истифода бурда шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ва автореферати он ба талаботҳои «Тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267, аз 30.06.с.2021). Диссертатсияи Холов Тоҷиддин Азизуллоевич дар мавзуи «Нақши сармоягузорӣ дар рушди кишоварзии обёришавандаи минтақа (дар мисоли вилояти Хатлон)»**, ҳамчун кори имлӣ-тахассусии анҷомшуда ҳисобида, натиҷаҳои ба даст овардаи муаллифро муҳим ва дорои аҳамияти илмию амалӣ тавзеҳ додан мумкин аст.

Автореферат мазмуни асосии диссертатсияро ба таври пурра инъикос менамояд. Таълифотҳои муаллиф аз сатҳи баланди муаррифии натиҷаҳои тадқиқот шаҳодат медиҳад, ки дар асоси талаботҳои «Тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267, аз 30.06.с.2021) таҳия гардидаанд.

**Баҳо додан ба тартиб ва танзими диссертатсия, тасдиқ намудани таълифоти муаллиф.** Аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқот 10 мақолаи илмӣ дар ҳаҷми 4,5 ҷузъи чопӣ, аз ҷумла 8 мақолаи он дар маҷаллаҳои аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда ба нашр расидааст. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, 26 ҷадвал, 6 расм, 6 диаграмма, хулоса, пешниҳод иборат буда, бо истифода аз 194 сарчашма таҳия карда шуда, дар 174 саҳифаи компютерӣ омода гардидааст.

**Мазмуни кори диссертатсионӣ: Дар муқаддима** мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқот асоснок карда шуда, тавсифи умумии таҳқиқот таҳия гардида, нуктаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия ва истифодаи натиҷаҳои он кушода шудаанд.

**Боби якум - «Асосҳои назариявии сармоягузории минтақавӣ дар соҳаи кишоварзии обёришаванда»** номгузорӣ гаштааст, ки ҷанбаҳои назариявии сармоягузорӣ дар рушди кишоварзии обёришаванда, хусусиятҳои сармоягузорӣ ва нақши он дар раванди такрористеҳсоли кишоварзии минтақа, таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ оид ба идоракунии сармоягузорӣ дар рушди кишоварзии обёришавандаи минтақа мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Диссертант ҳангоми омӯзиши ҷанбаҳои назариявии сармоягузорӣ дар рушди кишоварзии обёришаванда назарияи олимони хориҷиро **оид ба сармоягузорӣ** арзёбӣ карда, ба хулосае омадааст,ки ба андешаи мо, сармоягузорӣ на ҳама вақт пардохт мебошад. Дар айни замон мафҳуми «сармоягузорӣ» ва «маблағгузорӣ»-ро фарқ мекунанд. Бар хилофи сармоягузорӣ, маблағгузорӣ ин ҷараёни пардохтҳо мебошад, ки ба хароҷот табдил ёфта, минбаъд боиси воридот мегардад (саҳ.14-15).

Баъди таҳқиқи зерсуоли якум ва назариёти олимони хориҷӣ ва ватанӣ муаллифи диссертатсия сармоягузориро чунин таъриф додааст: Сармоягузорӣ ба субъектҳои хоҷагидор бо мақсади гирифтани даромад ё фоида ва ба даст овардани самараи мусбати иҷтимоӣ ва ба афзоиши маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ мусоидаткунанда мебошад (саҳ.18).

Ҳангоми таҳқиқи моҳият ва мазмуни сармоягузорӣ дар рушди кишоварзии обёришаванда муаллиф ба он нуқтаи назар аст, бо такя ба афкори олимони иқтисодишинос, ки сармоягузорӣ ба объекти кишоварзии обёришаванда бо мақсади беҳтарсозии инфрасохтори обёрии заминҳои кишоварзӣ, ба гардиши кишоварзӣ даровардани заминҳои бекорхобида, баланд бардоштани ҳосилнокии замин ва меҳнат, устувории соҳаи кишоварзӣ, кам кардани таъсири тағйирёбии шароити табиию иқлимӣ ба натиҷаҳои истеҳсолот, муҳайё намудани ҷойҳои нави корӣ, афзоиши маҷмуи маҳсулоти кишоварзии минтақавӣ ва дар натиҷа ба даст овардани фоида мебошад (саҳ 25).

Диссертант иброз медорад,ки пешрафтҳо ва ташаккули кишоварзии обёришаванда бе истифодаи васеи инноватсияҳо ва сармоягузорӣ дар он имконнопазиранд. Хароҷот ба илм ва истифодаи фаъолонаи баъдинаи коркардҳои илмӣ дар кишоварзии обёришаванда дар муайянсозии самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ омили стратегӣ мегарданд (саҳ.32).

**Дар боби дуюм,** ки **«Ҳолати имрӯзаи сармоягузорӣ ба кишоварзии обёришаванда дар вилояти Хатлон»** ном дорад, таҳлил ва муайян намудани вазъи имрӯзаи сармоягузорӣ ба кишоварзии обёришаванда, сарчашмаи асосии сармоягузорӣ оид ба беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳои обёришаванда дар вилояти Хатлон, арзёбии самаранокии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба заминҳои обёришавандаи вилояти Хатлон, мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шудааст.

Тавре муҳаққиқ ҳангоми таҳлил муайян намудааст, ки сол то сол банақшагирии беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳои обёришаванда дар вилояти Хатлон кам гардида истодааст. Агар дар соли 2015 -4484 га замин барои беҳтар намудани ҳолати мелиоративии замин ба

нақша гирифта шуда бошад, ҳамин нишондод дар соли 2020 ба 3519 га баробар гаштааст, ки 78,5 фоизи соли 2015 мебошад ( саҳ 65).

Зимни таҳлилҳои диссертант маълум шуд, ки ҳолати беҳтар намудани заминҳои обёришаванда аз ҳисоби ҳаққи хизматрасонии обрасонӣ дар минтақаи Бохтари вилояти Хатлон соли 2020 нисбат ба соли 2015 260 га замин зиёд мебошад. Дар минтақаи Кӯлоб бошад, ҳолат баръакс буда, он нисбати соли 2015 19 га кам гардидааст. Ҳолати кам банақшагирӣ ба беҳтаргардонии заминҳои обёришаванда дар минтақаи Бохтар, агар як ноҳия, яъне ноҳияи Вахш бошад, ҳамин ҳолат дар ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб ба чор ноҳия - Восеъ, Ҳамадонӣ, Фархор ва Кӯлоб рост меояд, ки ин ҳолат сармоягузории заруриро дар ноҳияҳои номбурда талаб менамояд (саҳ.76).

Муҳаққиқ зимни таҳлилҳояш муайян кардааст, ки ҳам дар минтақаи Бохтар ва ҳам дар минтақаи Кӯлоб тағйироти калон дар ҳолати сармоягузорӣ мушоҳида мегардад. Аммо, ба ҳар ҳол, ҳиссаи сармоягузорӣ дар минтақаи Бохтар аз 442,3 ҳаз. сомонӣ то 2880,6 ҳаз. сомонӣ афзудааст. Дар давраи таҳлилшаванда афзоиши сармоягузорӣ дар минтақаи Кӯлоб низ ба амал омадааст. Дар давраи солҳои 2015-2020 ҳиссаи сармоягузорӣ 125,8% афзоиш ёфтааст (саҳ.85).

**Боби сеюм «Роҳҳои мукаммалгардонии идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ ба кишоварзии обёришавандаи вилояти Хатлон»** номгузорӣ гардида, дар он самтҳои афзалиятноки сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзии обёришавандаи вилояти Хатлон, такмили идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар кишоварзии обёришавандаи вилояти Хатлон мавриди муҳокима қарор дода шудааст.

Диссертант таҳқиқ намудааст, ки дар самтҳои афзалиятноки соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон бо мақсадҳои пешбинишуда сармоягузорӣ ба се комплекси истеҳсолӣ ҷудо карда шудааст: пахта – барои саноати нассоҷӣ, зироаткорӣ – барои қонеъ кардани эҳтиёҷоти вилоят, ҷумҳурӣ ва қисман барои содирот ва боғдорӣ мебошад. Дар айни замон, ҳиссаи пахта 48,3%-и истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти кишоварзиро дар вилояти Хатлон ташкил медиҳад. Комплекси озуқаворӣ - соҳаҳои боғдорӣ, сабзавоткорӣ ва картошкапарварӣ низ ҳиссаи бештарро ташкил медиҳанд (саҳ.108).

Дар баробари муваффақиятҳо дастовардупешниҳодоти дақиқи илмӣ, дар кори диссертатсионӣ баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки ба инобат гирифтани онҳо барои таҳқиқотҳои ояндаи диссертант аз аҳамият холӣ нестанд:

1. Дар муқаддимаи кори диссертатсионӣ муаллиф нишон додааст, ки олимони хориҷӣ ва ватанӣ дар самти мавзӯи таҳқиқшаванда корҳои илмӣ кардаанд, аммо мушаххас нишон надодааст,ки кадом олим кадом қисмати мавзӯи мазкурро таҳқиқот кардааст.

2.Зербоби 2.1., таҳлил ва муайян намудани вазъи имрӯзаи сармоягузорӣ ба кишоварзии обёришаванда номгӯзорӣ карда шудааст, аммо дар рафти таҳлил ягон ҷадвал ё диаграмма роҷеъ ба татбиқи

лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар самти кишоварзии обёришаванда мавҷуд дида нашуд.

3. Дар соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон тайи солҳои охир аз ҳама лоиҳаи сармоягузории калонтарин дар самти истифодаи заминҳои обёришаванда татбиқ шуда истодааст, ин обёрикунонии заминҳои ноҳияи Данғара марҳилаҳои 1,2 ва 3 мебошад, ки таҳқиқи ин лоиҳа дар ин диссертатсия айни муддао буд. Мутаассифона, дар диссертасия дар ин бора ягон таҳлилҳ гузаронида нашудааст.

4. Дар зербоби 3.1. самтҳои афзалиятноки сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзии обёришавандаи вилояти Хатлон баррасӣ мегардад, аммо муаллиф дар ҷадвали 3.1.5. модели дурнамои нишондиҳандаҳои асосии рушди иқтисодии вилояти Хатлонро таҳлил кардааст. Бисёр ба маврид мебуд, ки дар ин ҷадвал модели дурнамои сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзии обёришавандаи вилоят таҳия мегардад.

5.Мутаассифона, дар матни рисола ва дар баъзе номгӯйи феҳристи адабиёт ғалатҳои имлоӣ ва ё техникӣ боиси коҳиш ёфтани ҳусни кор гардидааст.

Нуқсонҳои зикршуда аксаран характери тавсиявӣ дошта, ба инобат гирифтани онҳо барои боз ҳам беҳтар гардидани сифати диссертатсия мусоидат мекунанд.

**Мувофиқати матни автореферат бо мазмуни диссертатсия.**

Автореферат бо мазмуни диссертатсия мувофиқ мебошад. Он дар шакли фишурда мундариҷаи асосӣ ва сохтори диссертатсияро инъикос намуда, асоснокӣ, муҳим будан, навгонии таҳқиқ, аҳамияти назариявию амалӣ ва хулосаҳои асосии таҳқиқро пурра инъикос менамояд. Автореферат ва корҳои нашршуда бо мазмун ва муҳтавои бобу фаслҳои рисола, маводи ба табърасида (рисолаву дастурҳои таълимӣ, 10 мақола, ки 8 адади он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон) мутобиқат менамоянд.

Ниҳоят, диссертатсияи Холов Т.А. бо забони илмӣ навишта шуда, аз рӯйи мазмун ва сифати нигориш ҷавобгӯ ба талаботҳои иҷрои кори диссертатсионӣ омода гардида, аз рӯйи хулосарезӣ ва муқаррароти пешниҳодшуда кори илмии ба анҷомрасида мебошад. Диссертант ва рисолаи илмии ӯ зинаҳои лозимаи санҷиширо гузашта, ба ҳимоя пешниҳод гардидааст.

Дар маҷмуъ диссертант мақсаду вазифаҳо ва масъалаҳои дар наздаш гузошташударо дар сатҳи зарурӣ иҷро кардааст.

Хулоса, диссертатсияе, ки аз тарафи унвонҷӯ Холов Тоҷиддин Азизуллоевич дар мавзуи «Нақши сармоягузорӣ дар рушди кишоварзии обёришавандаи минтақа (дар мисоли вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод шудааст, рисолаи илмии анҷомёфта буда, дорои мазмуни илмию амалӣ мебошад.

Таҳқиқоти диссертатсионии тақризшаванда аз рӯйи натиҷаҳои назариявию амалии худ ба талаботҳои тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (**№267**, аз

**30.06.с.2021**) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Аз ин рӯ меарзад, ки ба муаллифи он Холов Тоҷиддин Азизуллоевич - дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ дода шавад.

Тақриз дар ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ, суратҷаласаи №1, аз 26.08.2022 муҳокима гардида маъқул дониста шудааст.

Иштирок доштанд – 18 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: 18 нафар тарафдор, зид – 0, бетараф – 0.

Тақриз аз тарафи номзади илми иқтисодӣ, и.в.дотсент Комилов Н.Б. тартиб дода шудааст.

Раиси ҷаласа
номзади имлҳои иқтисодӣ, и.в., дотсент Каҷкулоев Абдухолиқ Фатҳулоевич

Тақризро омода намуд:
номзади имлҳои иқтисодӣ,
и.в., дотсенти кафедраи молия ва қарз: Комилов Низомуддин Бегаҳмадович

Котиби ҷаласа, муаллими калон Сафаров Зулфиқор Азаматович

Имзоҳои Каҷкулоев А.Ф., Комилов Н.Б. ва Сафаров З.А-ро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳои ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳӣ Рӯдакӣ Амиров Ф.А.

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16, Донишгоҳи
давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
Тел: (992) 918579290, E-mail: nizomiddin.komilov@mail.ru